Суратҷаласаи
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ш. Душанбе *№25* *аз 17 ноябри 2026*

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд, тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм (1 нафар – иштироки маҷозӣ) аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд.

ШУНИДА ШУД: Ҳимояи диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

Мавзӯи диссертатсия: "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон".

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

Муқарризони расмӣ:

- Раҷабов Раҷаб Кӯчакович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович – д.и.и., профессори кафедраи идораи молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Наҷмиддинов Фирдавс Нуриддинович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз ворид гардид, ки ҳамаи онҳо мусбӣ мебошанд.

Ба довталаб 5 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро пешниҳод гардиданд: д.и.и., дотсент Садриддинов М.И., д.и.и., проф. Маҳмадалӣ Б.Н., д.и.и., проф. Фақеров Ҳ.Н.

Дар мухокима иштирок намуданд: д.и.и., проф. Маҳмадалӣ Б.Н., д.и.и., проф. Раҳматзода Р., д.и.и., дотсент Садриддинов М.И.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд: д.и.и., проф. Самандарзода И.Ҳ. (раис), д.и.и., дотсент Ҷумъаев Б.М., д.и.и., дотсент Сафозода А.К.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзӯи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Субҳонзода Икром Субҳон дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Субҳонзода Икром Субҳонро бо дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар (1 нафар – маҷозӣ). Зид – нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Исмоилов А.А.**